ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзӯи "Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитахои байнифаннӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика)

Аз автореферати рисола маълум аст, муаллиф дар рисола роҳҳои ташаккули шахсияти омӯзгори муосир ва донишҷуёнеро ба фаъолиятҳои бомуввафақияти, муҳити таълимии ва истифодаи методикаҳои муосирррро таҳлил намудааст. Масъала бо назари васеъ баррасӣ шуда, тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии амалӣ гарданд.

Натиҷаи таҳқиқот ба таҳкими савияи касбии омӯзгори ояндаи муосир ва баландбардоштани сифати таълими фанни технологияи мусир мусоидат мекунад.

Мақсади ин таҳқиқот пешниҳоди методӣ тарзи фикрони, андеша ва хусолабарори дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ касби омӯзгори дар раванди таълим амсиласозии компютери робитаҳои байни фанни математика ва информатика мебошад. Маълум аст, ки амсиласозии компютери аз фанни математика ва информатика ҳамчун шакли махсуси ташкили машғулиятҳо ба рушди қобилияти эҷодии донишҷуён , тақвияти фаъолияти дарккунӣ, тарбияи муносибати бошуурона ба муҳити технологӣ, фаҳмидани нақши амсиласози математики , ҷалби донишҷуён ба меҳнат ва донишандӯзӣ, мусаллаҳ кардани онҳо бо малакаи мустақилона гирифтани маълумот, васеъ кардани ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани ангеза ва ташаккули тафаккури инноватсиони мусоидат мекунад.

Оид ба тавсия ва пешниҳод ба автореферат ҳаминро гуфта гузаштаниям , ки хуб мешуд, дар афзорҳои математикии пешниҳодшуда MultiSim, ва

Matlab-ро унвончу тарзи амалӣ кории ин афзорҳоро муфасалтар пешниҳод мекард.

Эродҳои дар боло зикршуда аҳамияти назариявию амалии автореферати диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии намерасонанд.

Аз руи натиҷаҳои таҳлили автореферат иброз намудан мумкин аст, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ, мундариҷа ва ҳаҷм, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, дурустии муқаррарот ва хулосаҳои илмӣ ба талаботи пешбинишудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ карда шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
иҷрокунандаи вазифаи профессори
кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон _____ Собиров А.Ш.
Тел.: (+992) 907388038

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдаки 17
Тел.: (+992-37) 2216225
e-mail: info@tnu.tj
17 октябри соли 2026

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон _____ Шодихонзода Э.Ш.

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзӯи «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3 – Назария ва технологияи таълими информатика) пешниҳод шудааст

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб ба яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар шароити ҳамгироии фанҳо ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълим – бахшида шудааст. Дар низоми таҳсилоти олии касбӣ аз донишҷӯ на танҳо азхуд кардани донишҳои назариявӣ, балки қобилияти мустақилона таҳлил намудани вазъият, пешниҳоди роҳҳои нави ҳалли масъала, санҷидани фарзияҳо ва истифодаи донишҳо дар шароити тағйирёбандаи фаъолияти касбӣ низ талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, баррасии имкониятҳои дидактикии амсиласозии компютерӣ дар робита бо фанҳои дигар аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти масъала аз он бармеояд, ки дар раванди таълими информатика ва фанҳои ба он алоқаманд робитаи байни дониши назариявӣ ва татбиқи амалии он на ҳамеша ба таври кофӣ таъмин мегардад. Амсиласозии компютерӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён падида, объект ё равандро ба шакли амсилаи таҳқиқшаванда табдил дода, робитаи байни параметрҳо ва таъсири тағйирёбии онҳоро муайян намоянд. Ҳангоми иҷрои чунин фаъолият омӯзиши информатика бо донишҳои математика, фанҳои табиӣ ва фанҳои тахассусӣ пайванд ёфта, барои рушди фаъолияти таҳлилӣ, ҷустуҷӯйӣ ва эҷодии донишҷӯён шароит фароҳам меорад.

Самти асосии арзишманди таҳқиқот дар баррасии амсиласозии компютерӣ на танҳо ҳамчун воситаи техникии иҷрои ҳисобҳо, балки ҳамчун усули ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён ифода меёбад. Дар ин раванд донишҷӯ бояд масъалаи таълимиро дарк кунад, фарзияи ҳалро пешниҳод намояд, нишондиҳандаҳои муҳими объектро ҷудо созад, амсилаи муносибро интихоб ё таҳия кунад, натиҷаҳоро санҷад ва аз нигоҳи муҳтавои фаннӣ шарҳ диҳад. Чунин пайдарпайии фаъолият ба ташаккули мустақилияти фикрӣ, қобилияти муқоиса ва асоснок намудани қарор мусоидат мекунад. Маҳз пайванди амсиласозӣ бо робитаҳои байнифаннӣ ҷиҳати методии мавзӯъро мушаххас мегардонад.

Аз ҷиҳати назариявию методологӣ, таваҷҷуҳи муаллиф ба муносибати босалоҳият, имкониятҳои таълими ҳамгиро ва асосҳои педагогию

психологии ташаккули тафаккури инноватсионӣ қобили арзёбӣ мебошад. Барои чунин таҳқиқот фарқ гузоштан миёни малакаи истифодаи барномаи компютерӣ ва қобилияти пешниҳоди ҳалли наву асоснок аҳамияти махсус дорад. Истифодаи воситаҳои рақамӣ худ ба худ нишонаи тафаккури инноватсионӣ нест; нишондиҳандаи муҳим он аст, ки донишҷӯ то кадом андоза метавонад донишҳои фанҳои гуногунро барои ҳалли масъалаи нав муттаҳид созад.

Аҳамияти илмӣ-методии кори мазкур бо кӯшиши низомманд гардонидани муҳтаво, усулҳо ва воситаҳои таълими амсиласозии компютерӣ алоқаманд аст. Дар тақризи мавҷуда ба таҳияи низоми методӣ, муайян намудани ҷузъҳо, марҳилаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои ташаккули натиҷаҳои таълимӣ ишора шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи пешниҳодҳои методӣ ҳангоми тарҳрезии машғулиятҳои информатика, таҳияи супоришҳои амалӣ ва ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён зоҳир мегардад. Аз ҷумла, масъалаҳои дорои муҳтавои байнифаннӣ метавонанд донишҷӯёнро ба таҳияи амсила, гузаронидани озмоиши компютерӣ, муқоисаи натиҷаҳо ва пешниҳоди хулосаҳои мустақил ҳидоят намоянд.

Дар таҳқиқот ба усулҳои педагогӣ, психологӣ ва коркарди омории натиҷаҳои таҷрибавию озмоишӣ таваҷҷуҳ дода шудааст. Муҳим аст, ки самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар асоси меъёрҳои равшан ва муқоисаи натиҷаҳои ибтидоиву ниҳоии донишҷӯён арзёбӣ гардад.

Дар маҷмӯъ, самти илмии кори Ҳабибзода Ш.Ҳ. ба масъалаҳои мубрами методикаи таълими информатика мутобиқ буда, барои такмили равишҳои омодасозии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳамият дорад. Мавқеи асосии мусбати таҳқиқот дар он аст, ки амсиласозии компютерӣ ҳамчун воситаи омӯзиши ҳамгиро ва инкишофи тафаккури инноватсионӣ баррасӣ мегардад, на танҳо ҳамчун маҷмӯи амалҳои техникӣ бо барномаи компютерӣ.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, нисбат ба баёни баъзе масъалаҳо дар автореферат мулоҳизаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар бахши натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ пешниҳоди муфассалтари нишондиҳандаҳои муқоисавӣ, меъёрҳои баҳодиҳии тафаккури инноватсионӣ ва шарҳи тағйироти бадастомада барои дарки дараҷаи самаранокии методикаи пешниҳодшуда муфид мебуд.

2. Дар матни автореферат гоҳо хатоиҳои услубӣ, имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти мавзӯъ ва ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти анҷомдодаро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзӯи «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ» ба ҳалли масъалаи муҳимми илмӣ-методӣ дар соҳаи назария ва технологияи таълими информатика равона шудааст. Аз руи натиҷаҳои таҳлили автореферат иброз намудан мумкин аст, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ, мундариҷа ва ҳаҷм, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, дурустии муқаррарот ва хулосаҳои илмӣ ба талаботи пешбинишудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ карда шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Тақризидиҳанда:
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи технологияҳои
иттилоотии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Давлатзода Р.Ҷ.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 555 55 25 77; E-mail: davlatov_r@mail.ru

Имзои Давлатзода Р.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Сана: 12.10.21

ТАҚРИЗ

ба автореферати Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитахои байнифаннӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика)

Яке аз масъалахои тамоюли асосии навсозии низоми маориф ин амалинамоии муносибати босалоҳият мебошад. Амалинамоии чунин равиш тағйирдиҳӣ ва такмили раванди таълимро такозо менамояд. Дар ин мавриди мақсади асосӣ рушди шахсият ва тафаккури толибилмон мегардад.

Тахдили автореферат нишон дод, ки диссертатсияи номзадии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои методикаи таълими амсиласозии аз фанни информатика тибқи муносибати босалоҳият бахшида шудааст. Диқати асосӣ дар ин таҳқикот ба масъалаҳои воқеъан мубрам, ташаккули тафаккури иноватсионии донишҷӯён ва усулҳои таълим бо истифодаи технологияи рақамӣ ба омӯзиши амсиласозии фанни информатика таъсир мерасонад, инчунин ба робитаи байни фанҳои математика ва информатика равона карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи муаллиф чунинанд:

-салоҳияти мутахассиси оянда дар соҳаи моделсозии компютерӣ хусусияти ҷудонашавандаи шахсияти мақсаднок мебошад, ки аз омодагии ӯ барои ҳалли масъалаҳои стандартӣ ва ғайримуқаррарии касбӣ дар асоси дониши амиқи информатика, малакаҳои иттилоотӣ ва самтҳои устувори касбӣ ва ҳаётан муҳим муайян карда мешавад. Ин малака як ҷузъи ҷудонашавандаи салоҳияти касбӣ мебошад ва ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои худро ташаккулу тафаккури иноватсионии такмил дода амсиласозии компютерӣро пайваста инкишоф диҳанд ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ оид ба фанни информатика дар МТОК тадқиқ намоянд;

-мавқеи амсиласозии компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимии фанни информатика ҳамчун хусусиятҳои саводнокии иттилоотӣ эҳтимолии амсиласозии компютерӣ таҳия карда шуд. Амсиласозии компютерӣ ҷузъҳои гуногун, сатҳҳо, меъёрҳои рушд, натиҷаҳо ва марҳилаҳои равандро ба назар мегирад. Он ба усулҳои таълим, ки барои гузаронидани ҳалли масъалаҳои математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мешаванд, асос ёфтааст;

-усулҳои амалигардонии шакл ва татбиқи амсиласозии компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни информатика барраси карда шуданд, ки асоси ин маҷмӯи талаботи техникии дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи муҳандисӣ пешбинишуда мебошад;

-мутобиқати методикаи таҳқиқот бо фанни таҳқиқшавандаи байнифаннӣ ва вазифаҳои гузошташуда;

-иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои корҳои озмоишӣ-педагогӣ;

мувофиқат ва муқоисаи натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот ба миён гузошта шудааст;

-қобилияти ҳалли масъалаҳо ва ғояҳои инноватсионии донишҷӯён дар заминаи омӯзиши механика бо санҷиши саводнокӣ ба таври возеҳ ва фаҳмо гузаронида шуд;

-методии ташуккули тафаккури иновтсионии пешниҳодгардида барои доираи васеи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки фаннии мазкурро меомӯзанд, татбиқ гардида метавонанд. Амсилаи коркарди ҳалли масъалаҳои таълими аз фанни информатика мақсадҳои гузошташудаи таҳқиқотро амалӣ мегардонад.

Арзиши амалии ташаккули тафаккури иноватсиони методии дар раванди таълими амсиласозии компютери дар фанҳои математика ва информатика

пешниҳодгардидаи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб бо самаранокии он дар амалияи тайёр кардани мутахассисони ояндаи самтҳои техникӣ чиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилоти информатика онҳо саҳми арзандаи худро мегузорад. Инчунин афзалияти истифодаи амалии системаи методии пешниҳодгардида дар имконияти ташаккули тафаккури салоҳиятнокии донишҷӯён дар ҳама гуна марҳилаҳо истифодаи он ва дар ҳолати зарурӣ ислоҳ кардани камбудиҳо ифода мегардад.

Оид ба тавсия ва пешниҳод ба автореферат танҳо ҳаминро қайд карда метавонам, ки хуб мешуд, агар унвончӯ ба масъалаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати татбиқи муносибатҳои босалоҳият ба таълими амсиласозии компютерӣ низ бештар таваҷҷуҳ менамуд.

Эродҳои дар боло зикршуда аҳамияти назариявию амалии автореферати диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфи намерасонанд.

Ба андешаи ман дар автореферати диссертатсионии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитахои байнифаннӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) проблемаи воқеии илмӣ оид ба масъала ҳал карда шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили автореферат иброз намудан мумкин аст, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ, мундариҷа ва ҳаҷм, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, дурустии муқаррарот ва хулосаҳои илмӣ ба талаботи пешбинишудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ карда шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти,
кафедраи таъминоти барномавӣ ва
Web-дизайни Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи абуабдуллоҳи Рӯкадӣ Фурқати С.Қ.

Имзои **Фурқати С.Қ.- ро** тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус сана 14.10.26 Давлатзода М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кучаи С.Сафров 16,
Тел:83322 2-35-06 2-35-09
Факс: 83322 2-35-06
Email:info@kgu.tj

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзӯи "Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитахои байнифаннӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва такмили низоми таҳсилоти олии касбӣ мубрам буда, аҳаммияти назариявию илмӣ дорад. Унвончӯ масъалаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯёнро тавассути амсиласозии компютерии вазифаҳои байнифаннӣ мавриди омӯзиши худ қарор дода, низоми педагогӣ, курси махсуси таълимӣ ва тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ва озмоиши педагогии гузаронидашуда барои такмили раванди таълими информатика ва математика аҳаммияти муҳим доранд.

Автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Ш. Ҳ. кори мустақили илмӣ буда, ба ҳалли масъалаи муҳими педагогӣ – ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди амсиласозии компютерии вазифаҳои байнифаннӣ равона шудааст. Муҳтавои автореферат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат намуда, натиҷаҳои пешниҳодшуда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, аз ҷумла 2-тояш дар алоҳидагӣ ва 17-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо хеле асоснок мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, ба назари мо, баъзе масъалаҳо мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор гирифтанро талаб мекунанд:

1. Дар автореферат шарҳи муфассали меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён, инчунин асосноккунии интихоби онҳо метавонист равшантар пешниҳод гардад.

2. Бо мақсади васеъ намудани имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, хуб мешуд намунаҳои мушаххаси вазифаҳои байнифаннӣ ва тартиби татбиқи онҳо бо истифода аз воситаҳои муосири компютерӣ муфассалтар нишон дода мешуданд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳабибзода Ш.Ҳ. дар мавзӯи “Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ” як кори илмии мукаммал ба шумор рафта, ба талаботҳои амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ҳабибзода Ш.Ҳ. ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) сазовор мебошад.

Тақризиҳанда:
иҷрокунандаи вазифаи дотсенти
кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ
бо асосҳои технологияи информатсионии
МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”
н.и.п. Сатторов Далерҷон Қурбонович

Суроға: Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ш.Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31.
Тел.: (+992) 903771616
E-mail: 54tj@mail.ru

имзо/подпись
Саторов Д. К.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ / ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
НАЧАЛЬНИК УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ КАДРОВ
«16» октября 2026 с/г